**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Мусаллам аст, ки бедилшиносӣ дар Тоҷикистон равишҳо ва хусусиятҳои хос дошта, таърихи он ба таври марҳилавӣ, чунон ки лозим аст, омӯхта нашудааст. Зиёда аз ин, бедилшиносии тоҷик хусусиятҳо ва равишҳои хоси ташаккул ва таҳаввул дошта, маводи дар ин замина мавҷудбуда, ба таҳқиқ ва арзёбии холисона ниёз дорад. Аз ин нуқтаи назар далелҳои мавҷуда ба мубрамият, муҳиммият ва зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи ин мавзуъ таъкид менамоянд.

Муродзода Бахтиёр Сайалӣ рисолаи худро дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон» таълиф намудааст. Пажуҳиши ҷудогонаи ин мавзуъ дар илми адабиётшиносии тоҷик дар замони истиқлоли давлатӣ аз аҳаммият холӣ нест. Муаллифи рисола бо диди тозаи илмӣ, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии илмию адабӣ ва бо риояи методу меъёрҳои таҳқиқ мавзуи интихобнамудаи худро арзёбӣ намудааст.

Рисолаи илмии муҳаққиқ аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ-назариявӣ иборат буда, рисоланигор дар таҳқиқ, арзёбӣ ва ҳалли мушкилоти назариявию амалӣ аз усул ва равишҳои таҳқиқи таърихиву қиёсӣ, таърихиву адабӣ ва дастовардҳои назарии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он истифода намудааст.

Унвонҷӯ сарогози андешаҳо, таҳқиқу арзёбии ашъор шарҳу тафсирнависиҳо ба шеъри шоирро ба Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Садриддин Айнӣ ва Абдурауфи Фитрат пайванд дониста, солҳои ҳафтод, ҳаштод ва навадуми садаи бист ва даҳсолаи аввали садаи бисту якро

давраи нави бедилшиносӣ дар Тоҷикистон унвон мекунад, ки шоистаи дастгирист.

Боби аввали диссертатсия таҳлилҳоро оид батаҳқиқи замони зиндагӣ, муҳити адабӣ, ҳаёт ва эҷодиёти шоирро дар адабиётшиносии тоҷик дар бар мегирад. Дар фасли аввали ин боб муаллиф нахуст мушкилоти шинохти замон ва зиндагиномаи Бедирол, ки ба афкори адабӣ, фарҳангӣ ва фалсафии таърихи пурвоқеа ва мураккаби Ҳинд марбут мебошанд, мушаххас менамояд. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки омӯзиши ин масъала дар бедилшиносии тоҷик бо дарназардошти пешрафтҳо  ва тазодҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ сурат гирифта, дар ин замина суннатҳои фарҳангӣ ва адабии халқҳои гуногуни ин минтақа, аз ҷумла ҳиндуҳову мусулмонон ба эътибор гирифта шудаанд.

Дар фасли дуюми ин боб робитаи шоир бо муҳити адабӣ арзёбӣ гардида, ҷустуҷӯҳои бедилшиносони тоҷик дар ин самт баррасӣ шудааст. Нигорандаи рисола ёдрас шудааст, ки устод С. Айнӣ аз аввалин муҳаққиқони бедилшиносе буд, ки бо вуҷуди гароишҳои идеологии адабиётшиносии замон бо такя ба воқеиятҳои таърихӣ ва маълумоти сарчашмаҳо доир ба муҳити адабии замони Бедил ва робитаи ӯ бо аҳли адаб ҳарфи ҳақ ва бодалелро гуфтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия нахуст баррасии мундариҷавию ғоявии осори Бедил сурат гирифта, сипас баҳсҳо роҷеъ ба вежагиҳои тарзи тасвир, забон ва сабки Бедил ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар диссертатсия мушаххас гардидааст, ки хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори Мирзо Абдулқодири Бедил бори аввал дар тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар мақолаи Абдусалом Деҳотӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола таъкид менамояд, ки масъалаи бунмояҳои ҳунарии шоир дар эҷоди осори бадеӣ дар таълифоти устод С. Айнӣ, Б. Раҳимӣ, Н.

Нуров ва баъзеи дигар муҳаққиқон муфассал арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла таъкид шудааст, ки омӯзиши ин масъала бо таҳқиқоте, ки ҳанӯз ибтидои солҳои чилум А. Деҳотӣ ва М. Раҳимӣ анҷом дода буданд, оғоз гардида, онҳо ба услуби нави ба худ махсуси тасвиркориҳои Бедил ишораи кӯтоҳе кардаанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсия устод С. Айниро ҳамчун аввалин бедилшинос ёд карда, андешаҳои ӯро дар бораи забон, услуб ва санъати шоирии Бедил муфассал таҳлил намудааст. Дар диссертатсия собит гардидааст, ки андешаҳои С. Айнӣ масъалаҳои забони осор, услуби нигориш ва маҳорати ҳунарии шоирро дар бар гирифта, дар маҷмуъ аввалин бор чеҳраи ҳунарии ӯро ба таври мушаххас ба хонанда нишон медиҳанд.

Дар боби сеюми рисола муаллиф таъсири Бедил ба шоирони Мовароуннаҳр ва нақду баррасии онро дар бедилшиносии тоҷик ба риштаи баррасии илмӣ кашида, дар фасли аввали боби мавриди назар омилҳои руҳӣ ва заминаҳои завқию адабии нуфузи Бедилро дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр арзёбӣ менамояд ва таъкид месозад, ки ин масъала дар бедилшиносии тоҷик то ба имрӯз мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷудогона қарор нагирифта бошад ҳам, дар баъзе сарчашмаҳову мақолаҳо ва рисолаҳо паҳлуҳои ҷудогонаи он зери таъсири назарияҳои маъмули адабиётшиносии давр баррасӣ шудаанд.

Дар диссертатсия омилҳои руҳию маънавӣ ва заминаҳои завқию адабии таъсири осори Бедил ва моҳияти таъсир ва нуфузи ӯ дар муҳити адабию фарҳангии Мовароуннаҳр, аз ҷумла шаҳрҳои Бухорову Самарқанд дар заминаи таҳқиқоти анҷомгирифта муайян ва мушаххас гардида, аз ҷумла таъкид шудааст, ки Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ аввалин бор ин масъаларо дар бедилшиносии тоҷик матраҳ кардаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм масъалаи таҳқиқи сабки Бедил ва равишҳои таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз ӯ дар бедилшиносии тоҷик таҳлил ва баҳогузорӣ шуда, аз ҷумла зикр шудааст, ки аввалин андешаро оид ба сабки Бедил ва моҳияти ҳунарии он устод С. Айнӣ ҳанӯз дар соли 1912 дар мактубе, ки бо хоҳиши шарикдарси тотораш дар мадрасаи Бухоро Олимҷон Идрисӣ навишта буд ва сипас дар рисолаи алоҳидаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» моҳияти дидгоҳҳои худро ба сабки Бедил ва моҳияти ҳунари пайравон ё худ муқаллидони Бедил мушаххас намудааст.

Дар диссертатсия масъалаи пайравӣ ба Бедил ё худ таъсирпазирии шоирони Мовароуннаҳр аз ӯ дар мисоли таълифоти устод Садриддин Айнӣ, Туроқул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода, Садрӣ Саъдиев, Саидумар Султон, Нуралӣ Нуров ва дигарон таҳлил ва тарафҳои мусбату манфии дидгоҳҳои онҳо баррасӣ шудааст.

Дар хулосаи рисола муаллиф натиҷаҳои илмии худро вобаста ба бобу фаслҳои таълифот мураттаб баён менамояд.

Хулоса, диссертатсияи таълифнамудаи Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи «Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон» ба талаботу меъёрҳои таълифи диссертатсияҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик) ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.ф., профессор** **Қурбонзода Р.Қ.**

**Имзои Р.Қ. Қурбонзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДАВЛАТИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**“20” марти 2024**